# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Хоҷазода Гулчаҳон Ҷахфар дар мавзуи “Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

1. Дар раванди омӯзиши афкори педагогии миллӣ ва татбиқи он дар амалияи ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ ба таври аёнӣ маълум мегардад, ки замони Эҳёи Аҷам, махсусан дар даврони ибтидоии он дар асрҳои IX-XI, ки давлати сирф тоҷикии Сомониён ба арсаи таърих омад, бо хусусиятҳои худ бо шароити муосири кишвари соҳибистиқлоли мо шабоҳатҳои зиёде дошта, истифода аз арзишҳои педагогикаи миллии он даврон метавонад ба болоравии сатҳу сифати раванди таълиму тарбия дар замони муосир мусоидат намояд. Маҳз ба ҳамин ишора карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштаанд, ки “Эҳёи тамаддуни тоҷик, ки рушду нумуи он ба даврони Сомониён рост меояд, бо дастовардҳои фарҳангии гаронбаҳо ва нотакрораш ҷаҳониёнро дар ҳайрат гузоштааст” ва маҳз ба ҳамин сулолаи ҳукуматдорони миллӣ муяссар гардид, ки “ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузоранд, забони модариро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳуввияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд. Насли имрӯз ва оянда вазифадор аст, ки ин анъанаи неки онҳоро идома диҳад”. Аз ин рӯ, омӯзиши афкори педагогӣ дар ин даврони дигаргуниҳои қатъӣ дар ҷомеаи миллӣ, ки бо такя ба анъанаҳо ва мероси ғоявию маънавии наслҳои бостонӣ роҳи рушдиояндаи миллат равшан гардид, имрӯз аҳамияти муҳимро касб мекунад.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда – 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз он ҷумла: ба банди 1 – «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (ҷанбаҳои таҳқиқот дар рушд ва таҳкими илми педагогика, боҳамалоқамандӣ ва татбиқи назариявии онҳо, усулҳои таҳқиқотии педагогӣ), ба банди 2 – «Консепсияи тарбия» (сатҳу сифати тарбия ва технологияҳои амалисозии он, равандҳои навоварона дар тарбияи насли наврас), ба банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои/шароитҳои/рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;) ва ба банди 4 - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими

бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқ буда, ба самти афзалиятноки илм педагогика дар ҷумҳурӣ – ҳамгиройии арзишҳои миллӣ ва афкори педагогии мутаффаккирони тоҷику форс ба мазмуни таҳсилот - мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 8 номгӯй мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 5 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Хоҷазода Гулчаҳон Ҷаҳфар дар мавзуи “Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)” ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Аюбзода Манижа Зокир – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Хоҷазода Гулчаҳон Ҷаҳфар дар мавзуи “Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**КАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар дар мавзуи "Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX - XI)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Аюбзода Манижа Зокир – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х.

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

"9" июни соли 2025.

*"Имзои М. Лутфуллозода, Х.Раҳимзода ва И.Давлатшоевро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*